## ШКАЛАБАНДӢ ЧИСТ?

Дар низоми ИМД шкалабандии холҳо истифода мешавад, ки мақсади асосии он баргардонидани холҳои бадастовардаи довталабон аз ҳар субтест ба балҳо аст.

Шкалабандии холҳо дар доираи ҳар субтести алоҳида вобаста аз гурӯҳҳои ихтисосҳо ба роҳ монда мешавад. Ҷадвалҳои мувофиқати холҳо ба балҳо тартиб дода, дар сомонаи Марказ нашр карда мешавад.

Масалан, дар ИМД-2015 ҷадвали мувофиқати холҳо ба балҳо аз субтести “Забони тоҷикӣ” дар қисми А (имтиҳони умумӣ) барои гурӯҳи ихтисосҳои 1-ум – “Табиӣ ва техникӣ” чунин буд:

Ҷадвали 11.

Гурӯҳи ихтисосҳои 1-ум – “Табиӣ ва техникӣ”
Субтести А1 – “Забони тоҷикӣ”

| Хол | Бал |
|---|---|
| 0 | 0 |
| 1 | 1,5671 |
| 2 | 3,1336 |
| 3 | 4,7022 |
| 4 | 6,2737 |
| 5 | 7,8490 |
| **6** | **9,4272** |
| 7 | 11,0094 |
| 8 | 12,5975 |
| 9 | 14,1850 |
| 10 | 15,7753 |
| 11 | 17,3672 |
| 12 | 18,9649 |
| 13 | 20,5599 |
| 14 | 22,1580 |
| 15 | 23,7575 |
| 16 | 25,3569 |
| 17 | 26,9637 |
| 18 | 28,5674 |
| 19 | 30,1719 |
| 20 | 31,7778 |
| 21 | 33,3797 |
| 22 | 34,9883 |
| 23 | 36,5949 |
| 24 | 38,1995 |
| 25 | 39,7996 |
| 26 | 41,3964 |
| 27 | 42,9931 |
| 28 | 44,5879 |
| 29 | 46,1744 |
| 30 | 47,7619 |
| 31 | 49,3438 |
| 32 | 50,9248 |
| 33 | 52,5011 |
| 34 | 54,0771 |
| 35 | 55,6521 |
| 36 | 57,2240 |
| 37 | 58,7946 |
| 38 | 60,3636 |
| 39 | 61,9304 |
| 40 | 63,4955 |
| 41 | 65,0595 |
| 42 | 66,6235 |
| 43 | 68,1869 |
| 44 | 69,7498 |
| 45 | 71,3124 |
| 46 | 72,8750 |
| 47 | 74,4375 |
| 48 | 75 |

Мувофиқи тартиб барои ҳар субтест бали ҳадди аксар муайян шудааст. Барои шкалабандии холҳои ҳар субтест шкалаҳои мувофиқ истифода мешаванд.

Дар қисми А (имиҳони умумӣ) барои субтестҳои "Забони тоҷикӣ" ва "Таърихи халқи тоҷик ва асосҳои давлат ва ҳуқуқ" шкалаи 75-балӣ ва барои субтести "Математика" шкалаи 50-балӣ истифода мешавад. Бали умумӣ барои ҳар се субтести ин қисми имтиҳон 200 аст.

Аз 3 субтести қисми Б (имиҳони ихтисос) довталаб метавонад ҳамагӣ 300 балро ба даст орад. Таносуби бали имконпазири ҳадди аксар барои субтестҳои қисми Б вобаста аз фанни асосии имтиҳони ихтисос дар доираи гурӯҳи ихтисосҳо метавонад гуногун бошад, ки он бо муассисаҳои таълимӣ мувофиқа карда мешавад. Масалан, барои ихтисоси 1790101 – "Кори табобатӣ"-и Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино таносуби бали имконпазири ҳадди аксар, ба ибораи дигар, вазни субтестҳо метавонад чунин бошад: субтести "Химия" – 150 бал, субтести "Биология" – 100 бал ва субтести "Физика" – 50 бал.

Ҳамин тариқ довталаб дар натиҷаи бомуваффақият супоридани ИМД метавонад аз қисми А (имиҳони умумӣ) то 200 ва аз қисми Б (имиҳони ихтисос) то 300 бал, ҳамагӣ то 500 бал ба даст орад.

Довталабон – хатмкардагони синфи 9-уме, ки имтиҳони қисми АБ-9 (имтиҳон барои шахсони дорои таҳсилоти умумии асосӣ)-ро месупоранд, аз 3 субтести ин қисм метавонанд то 300 бал ба даст оранд. Барои ҳар як субтест дар ин қисм шкалаи 100-балӣ истифода мешавад.

Холҳои аз имтиҳони қисми В (имтиҳони эҷодӣ ва (ё) маҳорати махсус) бадастовардаи довталабон ба шкалаи 300-балӣ баргардонида мешавад.

| ! | **Довталаб бе истифодаи ҷадвалҳои мувофиқати холҳо ба балҳо, ки дар сомонаи Марказ нашр мешаванд, холҳои аз субтестҳо бадастовардаашро ба балҳо баргардонида наметавонад.** |
| --- | --- |